# “АСОС-УЛ-ИҚТИБОС”-И НАСИРУДДИНИ ТӮСӢ (СОХТ ВА СТРУКТУРАИ БА ХУД ХОСИ ИН РИСОЛА)

**Шерали Шавкатзода Норқӯчқоров**
БухДУ филолгия факултети ӯқитувчиси

## АННОТАЦИЯ

Насируддини Тӯсӣ ва илми мантиқ, масъалаҳои мухталифи илми бадеъ дар “Асос-ул-иқтибос”, сохт ва структураи “Асос-ул-иқтибос”-и Насируддини Тӯсӣ, мавқеи ин рисола барои пешрафти илми адабиётшиносӣ, масъалаҳои асосии боби нӯҳуми “Асос-ул-иқтибос”, масъалаҳои шеъру шоирӣ.

**Ибораҳои такягох:** Насируддини Тӯсӣ, санъати қофия, илми бадеъ, боб, фан, шоирӣ, илмҳои сегона, муқаддимаи рисола, такомули илми балоға.

## МУҚАДДИМА

Насируддини Тӯсӣ дар доираи адабии илму фарҳанг яке аз нобиғаҳо ба ҳисоб меравад. Хизматҳои ин адиби барҷастаи форс-тоҷик барои пешрафти соҳаҳои гуногун кӯмак мерасонанд. “Асос-ул-иқтибос” ном асари адиб низ ба соҳаҳои гуногуни илму фарҳанг бахшида шудааст. Пеш аз он ки дар бораи мазмун ва мундариҷаи ин асар сухан ронем, аввал сохт ва структураи ин осорро дида бароем. ”Асос-ул-иқтибос”-и Насируддини Тӯсӣ сохт ва структураи ба худ хос дорад. Даромади китоб бо сухани шартӣ:“бисмиллоҳу ар-раҳмону беҳ тақтеъ”-гӯён оғоз мешавад, ки ҳолати табии дар давраи Хоҷа Носир буд. Дар муқаддимаи китоб оиди ба кадом улум мансуб будани ин асар ва тарзи офариниш ва аз кадом сабаб ба китоб номи “Асос-ул-иқтибос”-ро гузоштааст меоварад, ки чунин баён намудааст: “Маҳрари китоб гӯянд, баъд аз ҳамид (хуб, нек) ва шукури Худои ҷаллаи (бузург) ҷалола (азамат шукӯҳ) дар наъм (эҳсон) ва аёдат (ҳолпурсӣ) номутаноҳӣ (он чӣ ба охир расанда), ки усулаш қоидаи асосии ҳар илм баҳри яке аз бандагон мутавотир (пайҳам оянда) ва мутаволӣ (паё пай) аст ва салавот (салот, дуо) ва таҳёт ва бандагони шоистаи ӯ аз анбиё (пайғамбарон) ва авлиёи алӣ алалхусус бар Муҳаммад Мустафо ва олишаън (олитабор) ал-иҳам ал-салуҳ ва ал-салом дар таҳрири ин маҷмӯъ шурӯъ карда омад, бар аз ин он ки тасрифе солеҳ аз он чӣ аз аҳли илми мантиқ дар ин фан истифода кардааст. Ё ба ҳасби (мувофиқ) қавоида (қоида) ва усули ин санъат астанабот намуда бар ваҷҳе, ки ӯро равшан шудааст, эрод кунад. Ва аз ибтоли (ботил, бекор) мазҳаб (роҳ, тариқ) ботил дар ҳар бобе, мувадда бошад бо таноби қадри имкон аҳтар аз

кунад ва агар дар баъзе мавозӯъба зикри мазҳабе фосид эҳтиёҷ бошад бо шарти мӯҷазӣ ихтисор кунад .Ва он чӣ тасрифро дар он маҷол (имкон) набошад бар ваҷҳи мазкур дар китоб аҳли санъат нақл кунад, то китоб ноқис набошад. Ва чун ин илм ба нисбат бо дигар улум хосса ақсоми ҳикмат ба мусобити қайд ва бунёд аст, ин маҷмӯъро бо (“асос-ул-иқтибос”) мавсум (ном) кард”. [71, 3].

## ТАҲЛИЛИ АДАБИЁТ ВА МЕТОДОЛОГИЯ

Дар ибтидои сухан оиди илми мантиқ сухан ронда шуда, доир ба масъалаҳои мухталифи илми мантиқ, тафовути ин илм аз дигар улумҳо, шарҳи истилоҳи мантиқ ва ғайра ақоиди хешро баён намуда аст. Қисми асосии китоб аз нӯҳ мақола иборат буда, баъзе мақола (боб) ба фанҳо тақсим карда шуда, аз фаслҳои ҷудогона таркиб ёфтаанд. Инҷо номгӯии ҳар як мақола (боб), фан (қисм) ва фаслро мувофиқи мақсад донистем: Мақолати аввал “Дар мадхали мантиқ” аз чаҳор фан иборат аст, Фанни аввал “Дар мубоҳисаи алфоз”, ин фан аз се фасл иборат аст, Фасли аввал “Дар кайфияти далолати алфоз бар маъонӣ”, фасли дуввум “Дар нисбати алфоз ва маъонӣ”, фасли саввум “Дар қисмати алфоз”, фанни дуввум “Дар мубоҳисаи куллӣ ва ҷузвӣ” ин фан аз чаҳор фасл иборат аст, фасли аввал “Дар таърифи куллӣ ва ҷузвӣ”, фасли дуввум “Ҳамл ва вазъ”, фасли саввум “Дар фарқи кулл ва куллӣ ва ҷузъ ва ҷузвӣ”, фасли чаҳорум “Дар дигар маъонии лафзи куллӣ”, фанни саввум “Дар мубоҳиси зотӣ ва арзӣ” аз чаҳор фасл аст, фасли аввал “Дар маърифати зотӣ ва арзӣ”, фасли дуввум “Дар ақсоми зотӣ”, фасли саввум “Дар қисмати арзӣ”, фасли чаҳорум “Дар ақсоми мақул (сухан) дар ҷавоби Моҳу Офтоб”, фанни чаҳорум “Дар муубоҳиси куллиёти хамса” аз панҷ фасл иборат аст, фасли аввал “Дар таърифи куллиёти хамса”, фасли дуввум “Дар маротиби аҷнос ва анвоъ”, фасли саввум “Дар аҳволи фусул”, фаслии чаҳорум “Дар баёни хосса ва арзи ом (омма)”, фасли панҷум “Дар аҳволи ин куллиёти панҷгона”. Мақолати дуввум: (Дар мақулоти (сухан) ушра (номи дарахт) ва онро қотиғурёс хонанд) аз нӯҳ фасл иборат аст, фасли аввал (Дар ибтидои сухан ва мақулот (сухан)), фасли дуввум (Дар маърифати мавзӯъе, ки расми ҷавҳар ва арз бе он мастур нашавад), фасли саввум (дар маърифати ҷавҳар ва баёни анвои ӯ ва фарқи миёни ҷавҳар ва арз), фасли чаҳорум (Дар таърифи камит ва баёни анвоъ ва ақсоми ), фасли панҷум (Дар маърифати кайфият ва баёни анвоъаш), фасли шашум (Дар маърифати мақулаи (сухан) музоф (мансуб нисбат дода шуда) ва анвоъаш), фасли ҳафтум (Дар шаш мақулаи боқӣ), фасли ҳаштум (Дар маърифати ақсоми қақобил (тарзи навишта шудааш қобл)), фасли нӯҳум (Дар ақсоми тақдим тохир). Мақолати саввум (Дар иборат

(ифода, баён)) аз ду фан иборат аст: фанни аввал (Дар маърифати ҷозима ва аҳволи анвоъ ва аснофи қазоё) шонздаҳ фпсл аст, фасли аввал (Дар аснофи далолот ва ва аҳволи мудаллулот), фасли дуввум (Дар таъйини қавли ҷозим (ҷазмкунанда) ва чигунагии таълиф аз алфози муфрад), фасли саввум (Дар зикри исбот ва нафъи эҷоб ва салб ва ҳасби ин мавзӯъ), фасли чаҳорум (Дар ақсоми қазо), фасли панҷум (Дар ақсоми шартиёт), фасли шашум (Дар ваҳдат ва касрати қазоёе ба ҳасби эътибори аҷзойи он), фасли ҳафтум (Дар нисбати аҷзойи қазо ё бо якдигар), фасли ҳаштум (Дар чигунагии тааллуқи сидқ ва кизб ба қазои шартӣ ва аҷзойи он) , фасли нӯҳум (Дар хусуси ҳаср (ҳад. андоза) ва аҳмоли қазоё), фасли даҳум (Дар таҳсили мафҳуми қазо ва тахлиси аҷзойи он), фасли ёздаҳум (Дар баёни тақобил ва тазод ва тадохил ва таноқиси қазо), фасли дувоздаҳум (Дар қазои мухассил (ҳосилкунанда) ва муаддавлӣ ва талозими он), фасли сездаҳум (дар талозими шартиёт), фасли чаҳордаҳум (дар баёни талозим ва табойини қазоӣ бо эътибори истиволӣ (баробарӣ) ва инъикоси аҷзоъ), фасли понздаҳум (дар радди (нақши чизе дар замин) баъзӣ қазо бо баъзеӣ), фанни дуввум (Дар ҷиҳати қазо ва эътибори он дар авбоби таноқиз ва акс ва он чӣ ба он тааллуқ дорад) ёздаҳ фасл аст: фасли аввал (Дар маънии ҷиҳат ва фарқи миёни модда ва ҷиҳат ва таъйини мавзӯи ҷиҳати қазоӣ), фасли дуввум (Дар маънии зарурат ва имкон ва эътибори он дар зеҳн ва хориҷ  ва фарқи миёни зарурат ва давом), фасли саввум (Дар аснофи заруратӣ ва донум), фасли чаҳорум (Дар аснофи мумкинот), фасли панҷум (дар аснофи муталлиқот), фасли шашум (Дар эътибори ақсоми арафае ва машрут бар ҳасӣи эътибори ҷиҳати зотӣ), фасли ҳафтум (Дар баёни хусус ва умуми қазо мутааллиқ ба муҷаҳҳаҳ), фасли нӯҳум (Дар таърифи акс ва баёни акси муставӣ (росту дуруст) дар муҷаҳҳот), фасли даҳум (Дар акси нақиз), фасли ёздаҳум (Дар эътибори ҷиҳат ва нақиз  ва акс дар қазои шартӣ). Мақолоти чаҳорум (Дар илми қиёс) ду фан аст ва фанни аввал аз ду қисм иборат аст. Фанни аввал (Дар қиёс), қисми аввал (Дар таърифи қиёс ва хусусияти онҳо) даҳ фасл аст, фасли аввал (Дар таърифи қиёс), фасли дуввум (Дар анвои қиёсот), фасли саввум (Дар аҷзои қиёсот ва баёни ҳаёти ахтарони муқаддимот), фасли чаҳорум (Дар баёни ашколи ҳамоилот ва ҳоли заруби ҳар яке бо қатъий назар аз ҷиҳат), фасли панҷум (Дар мухталитоти шакли аввал), фасли шашум (Дар мухталитоти шакли дуюм), фасли ҳафтум (Дар мухталитоти шакли сеюм), фасли ҳаштум (Дар мухталитоти шакли чаҳорум), фасли нӯҳум (Дар баёни ихтилоле, ки дар эътибори ҷиҳат ва мухталитоти баъд аз ҳоли долим лозарурии кулии арз мешавад), фасли даҳум (Дар тахлиси эътибори ҷиҳат ва мухталитоти баъд аз ҳоли долими

лозарурӣ), қисми дуюм аз фанни аввал (Дар қиёсоти шартӣ ва истисноӣ) ҳашт фасл аст, фасли аввал (Дар қиёсоти иқтироӣ аз муттасилоти танҳо), фасли дуввум (Дар иқтиоёт аз мунфасилоти танҳо), фасли саввум (Дар иқтироёт аз мунфасилот ва муттасилот бо ҳам), фасли чаҳорум (Дар иқтироёт аз ҳамлёт ва муттасилот), фасли панҷум (Дар иқтироёт аз ҳамлёт ва мунфасилот), фасли шашум (Дар анвои қиёсоте, ки иштирок аз ҳар ду ҷониб дар ҷузвӣ ғайри том бошад), фасли ҳафтум (Дар қиёсоти истисноӣ), фасли ҳаштум (Дар баён ва чӣ эҳтиёҷи қиёси иқтироӣ ва истисноӣ ба якдигар), фанни дуввум (Аз илми қиёс дар лавоҳиқ ва аворизм қиёс ва зикри таърифоте, ки шабеҳ бувад ба қиёс) дувоздаҳ фасл аст, фасли аввал (Дар баёни он ки дар як қиёс ба сайти як ҳадди авсат ва ду муқаддимаи беш бувад ва баён ва чӣ вуқӯъ он чӣ зиёдат аз ин бошад), фасли дуввум (Дар қиёсоти мураккаба), фасли саввум (Дар зикри ҳукамое, ки аз қиёсот ба таъйиди матлуб лозим ояд), фасли чаҳорум (Дар баёни лузуми натиҷаи содиқ аз қиёсоти содиқ ва қиёсоти содиқ), фасли панҷум (Дар талаби қиёс ба ҳар матлубе ва тариқи иктисоби муқаддимот), фасли шашум (Дар таҳлили қиёс), фасли ҳаштум (Дар қиёси давр ва акс), фасли ҳаштум (Дар қиёси халаф), фасли нӯҳум (Дар таълифи қиёс аз муқобилот ва масодур бар матлуб), фасли даҳум (Дар баёни кайфияти таоризи илм ва ҷаҳл ё улуми вазн дар роййи як шахс ва асбоби он), фасли ёздаҳум (Дар таълифоте, ки шабеҳ бувад ба қиёси мозанд ва тамсилот), фасли дувоздаҳум (Дар аснофи қиёсоте, ки ба ҳасби саър ё маводи махсусанд бо лақоб). Мақолати панҷум (Дар бурҳон) ду фан аст. Фанни аввал (Дар иктисоби тасдиқот яқинан ба бурҳон) ҳаждаҳ фасл аст, фасли аввал (Дар ишора ба он чӣ матлуб аст аз илми бурҳон ва зикри дигар санъооти илмӣ ва баёёни шарифи мартабаи бурҳон), фасли дуввум (Дар аҳволи ссанъоати панҷгона(сомеа, босира, зоиқа, ломиса ва шомма) ва мабодии аснофи қиёсот), фасли саввум (Дар аснофи матлуб), фасли чаҳорум (Дар зикри аснофи алил ва мубоҳисе, ки ба он мутааллиққ бошад бар ваҷҳи куллӣ), фасли панҷум (Дар зикри бурҳон ва ақсомаш ва нисбати ҳудудаш бо якдигар ва тариқи иқомати бурҳон бар ҳар матлубе, ки онро сабабе бошад), фасли шашум (Дар кайфияти вуқӯъи аснофи алил да ҳудуди вуусъати бурҳон), фасли ҳафтум (Дар ҳоли матлубҳое, ки норо сабабе набувад ва ҳоли истикро ва таҷриба ва зикри мабодеи бурҳон), фасли ҳаштум (Дар кайфияти интифоъи баҳс дар иктиссоби улум), фасли нӯҳум (Дар шароити муқаддимоти бурҳон), фасли даҳум (Дар зотии ба ҳасби ин санъоат), фасмсли ёздаҳум (Дар аввали ҳасби ин мавзӯъ), фасли дувоздаҳум (Дар куллӣ ва ҳасби ин мавзӯъ), фасли сездаҳум (Дар зарурӣ ба ҳасби ин саноат), фасли чаҳордаҳум (Дар кайфияти вуқӯи муқаддамоти ғайри куллӣ ва зарурӣ дар

улум), фасли понздаҳум (Дар мавзӯъот ва мабодӣ ва масонили улуми бурҳоне ва он чӣ дар фавотиҳи баъзе улум ёд кунанд), фасли шонздаҳум (Дар ахлоф ва иштироки улумҳо), фасли ҳабдаҳум (Дар баёни он ки маҳмулоти ғайри муносиб дар муқаддимот ва натоиҷи бурҳон), фасли ҳаждаҳум (Дар нисбати улуми вазн ва бо якдигар ва расмҳои лафзӣ чанд ки дар ин мавзӯи аввал бошад). Фанни дуввум (Дар кайфияти иктисоби тасвироти том ба ҳад) ва он дувоздаҳ фасл аст, фасли аввал (Дар баёни иктисоби тасвирот), фасли дуввум (Дар зикри тасвироти муктасиб ва ғайри муктасиб ва ишорат ба аснофи таърифот), фасли саввум (Дар ибтидои сухан дар ҳад ва баёни муносибат ва мубойинати бурҳон ва ҳад), фасли чаҳорум (Дар он ки ҳад ба ҳар чке аз бурҳон ва қисмат ва истиқрои бе инфирод иктисоб натавон кард), фасли панҷум (Дар он ки таърифи иктисоби ҳад таркиб аст), фасли шашум (Дар баёни ваҷҳи анфоъ ба таҳлил ва қисмат дар иқтинои ҳудуд ва ғайри он), фасли ҳафтум (Дар баёни ҳоли фусул), фасли ҳаштум (Дар кайфияти вуқӯи алил дар ҳад), фасли нӯҳум (Дар баёни мушорикати бурҳон ва ҳад), фасли даҳум (Дар кайфияти вуқӯи арози зотӣ дар тааърифот), фасли ёздаҳум (Дар тамомии сухан дар ҳад ва баёни аҳволи ҳудуд ва нисбати ҳудуд бо маҳдудот), фасли дувоздаҳум (Дар баёни он ки дар ашхоси ҷузвӣ на бурҳон тавонгуфт ва на онро ҳад тавонгуфт). Мақолати шашум (Дар ҷадал ва онро тавиқоӣ хонанд) се фан аст, фанни аввал (Дар муқаддимот) аз панҷ фасл таркиб ёфтааст, фасли аввал (Дар баёни моҳият ва манфиати ҷадал ва зикри аҳволи соил ва муҷиб), фасли дуввум (дар зикри мавозӯи ҷадале ва кайфияти иншиоби муқаддамот аз он), фасли саввум (Дар аҷзои қиёсот ва матолиби ҷадалӣ ва аснофи мавозӯъ), фасли чаҳорум (дар баёни ҳоли мабодӣ ва масонил ва муқаддимот ва матолиб вав қиёси ҷадалӣ), фасли панҷум (Дар зикри адавоти ҷадал, ки артиз ба он муфиди малакаи ҷадалӣ бошад ва ишорат ба дигар манофеи он). Фанни дуввум (Дар мавозӯъ) шаш фасл аст, фасли аввал (Дар мавозӯи исбот ва ибтол), фасли дуввум (Дар мавозӯи аввал ва осир), фасли саввум (дар мавозӯи ҷинс), фасли чаҳорум (Дар мавозӯи хосса), фасли панҷум (Дар мавозӯи ҳад), фасли шашум (дар мавозӯи ҳув-ҳув). Фанни саввум (Дар васоё (васият)) се фасл аст, фасли аввал (Дар васоёи асонил), фасли дуввум (Дар васоёи муҷиб), фасли саввум (Дар васоёи муштараки миёни соил ва муҷиб). Мақолати ҳафтум (Дар мағолата ва онро суфастоӣ хонанд) се фасл аст, фасли аввал (Дар баёни табкити мағолата ва зикри саноати мағолаата ва моҳияти он), фасли дуввум (Дар ҳасри исботи ғалат ва мағолата, ки дохил бувад дар нафси табкит), фасли саввум (Дар баёни исботи мағолата аз умури хориҷа ва зикри он чӣ соил ва муҷибро дар ин санъат нофеъ бувад). Мақолати ҳаштум (Дар хитобат ва

онро ба таврикo хонанд) се фан аст, фанни аввал (Дар усул ва қавоиди хитоба) чаҳор фасл аст. фасли аввал (Дар моҳият ва манфиати хитобат ва нисбати он бо дигар саноат), фасли дуввум (дар аҷзои хитобат), фасли саввум (Дар қиёсоти хитобатӣ ва ҳоли мавод ва саври он), фасли чаҳорум (Дар аснофи мухотабот ба ҳассби ағрози мухталиф ва тарики истеъмоли ҳар як). Фанни дуввум (Дар идоди анвоъ) ҳашт фасл аст, фасли аввал (Дар идоди анвоъ мутааллиқ ба машовирот), фасли дуввум (Дар ашадд (сахттар) ва изъоф (дучанд гардонидан)), фасли саввум (Дар идоди анвоъ мутааллиқ ба маанофирот), фасли чаҳорум (Дар идоди анвоъ мутааллиқ ба машоҳирот), фасли панҷум (Дар идоди анвои нофеъ дар тасдиқоти ғағри саноеъ), фасли шашум (Дар зикри инфиолот ва ихлоқи нафсоние, ки дар истедроҷоти нофеъ бувад ва идоди анвоъ ба ҳасби он), фасли ҳафтум (Дар ихтилофи асноф), фасли ҳаштум (Дар анвои муштарак ва хатми сухан дар анвоъ). Фанни саввум (Дар тавобеъ ва он чӣ бадон монанд) чаҳор фасл аст, фасли аввал (Дар ҳоли алфоз), фасли дуввум (Дар назм (низом) ва тартиби ақовили хиитобатӣ), фасли саввум (Дар ахаз ба вуҷӯҳ ва тақрири анвои он), фасли чаҳорум (Дар зикри муфозот ва муқова моти хитобатӣ ва он чӣ бадон мутааллиқ бувад). Мақолати нӯҳум (Дар шеър ва онро чӣ тавр иқо хонанд) аз се фасл иборат аст, фасли аввал (Дар ишорат ба моҳият ва манфиати шеър ва он чӣ бо ин тааллуқ дорад), фасли дуввум (Дар таҳқиқи тахаюл ва муҳокот ва баёни вуҷӯҳ (сабаб) ва истеъмоли он) ва фасли саввум (Дар аҳволи алфоз ва ишорат ба санъатҳои шеърӣ. Бар сабили (тариқ, роҳ) иҷмол (мухтасар)).

Чӣ хеле ки дида баромадем , дар “Асос-ул-иқтибос”-и Хоҷа Носир масъалаҳои адабиётшиносӣ дар мақолаи нӯҳуми асар оварда шудааст. Дар фасли аввали мақолати нӯҳум ба масъалаҳои шеър ва хусусиятҳои он ва дар қадим чӣ гуна суханро шеър мегӯянд, маълумот оварда шудааст. Насируддини Тӯсӣ доир ба шеър се таъриф гуфтааст, ки аввал “Дар урфи қудамо”, дуввум “Дар урфи мутааххирон” ва саввум “Таърифи муҳаққиқони мутааххирон (ё худ таърифи ҷомеа)”, Намунаи ду таърифи аввалро дар муқаддимаи “Меъёр-ул-ашъор” ва таърифи саввумро дар фасли “дар илми шеър”-и “Асос-ул-иқтибос”-и худ овардааст. Дар китоби “Асос-ул-иқтибос” доир ба шеър чунин ақида баён мекунад: “Санъати шеърӣ малака бошад, ки бо ҳазул он бар иқоъ, тахайюлоте, ки мӯбади он фаъолияти махсус бошад. Бар ӯ чӣ матлуби қодир бошад. Ва итлоқе исми шеър дар арафаи қудамо бар маънои дигар будааст. Ва дар арафаи мутааххирон бар маънои дигар аст. Ва муҳаққиқони мутааххирон шеърро ҳадде (ҳаддал имкон) гуфтаанд, ки чунин аст: Ҷамъи ҳар ду маъни бар ваҷҳи атамм. Ва он ин

аст, ки гӯянд шеър каломест мухайял, муаллаф аз aқволи мавзуну мутасоввии муқаффоъ ”. [71, 587. Дар ин ҷо муаллиф шеърро як навъ санъат гуфта, ба он тахайюлро фаъолияти махсус медонад. Дигар он аст, ки шеър каломи мухайял (хаёлангез), мавзун (ваздор) ва мутассовӣ (баробар) ва муқаффоъ (қофиядор) мешуморад. Дар ҳамон ҷо оиди мавзунии шеър дар шакли зерин ибрози ақида менамояд: “Ва каломи мавзун бештар як исм бар ду маънӣ аст: яке ҳақиқӣ ва он қавле бувад, ки ҳуруфи малфузи ӯро баҳс ба ҳаракот ва саканоти адади иқоеъ бошад. Ва дуюм маҷозӣ: он ҳаётӣ бувад, суханро аз аз ҷиҳати тасовии (баробарӣ) aқвол ва баҳс ба зоҳири шабеҳ будан чуноне ки дар Хусравониҳои қадим будааст. Ва вазни хитоба ба зада бувад ба ҳамин маънӣ. Ва муроди аҳли ин рӯзгор ба мавзуни маънии аввал аст. танҳо: муроди қудамо ҳар ду маъни ба ҳам будааст. Ва маънии мутасовӣ он бувад, ки аркони (рукн) қавле, ки онро арӯзиён “афоил” хонанд, дар ҳама aқвол муташаббеҳ бувад ва ба адад мутассовӣ , чӣ агар муташаббеҳ набувад, баҳр мухталиф шуд ва агар ба адад мутассовӣ бувад. Зарб (пайдарҳам омадани овозҳо) мухталиф шавад ва мазмуни музло бо мусаддас дар як шеър ҷо шуда бошад”. [71, 587]. Дар ин ҷо сухани ваздорро ба ду маъни талқин менамояд: якум ҳарфҳои ҳаракатдор (садонок) ва саканот (ором) , дуюм маҷозӣ: баробарии сухан дар шакли мушобеҳ бувад. Ғайр аз ин, доир ба мутассовӣ (рукн ва аркон) адади ҳиҷои онро баробар бояд бошад, -гӯён таъкид мекунад. Пас аз он, доир ба истилоҳи “муқаффоъ” чунин ибрози ақида менамояд: “Ва дар маънии муқаффоъ; он аст, ки хотимаи aқвол муташаббеҳ бошад, бар ваҷҳе ки мусталъ бувад. Ва шарти тақфиҳ дар қадим набудааст ва хос аст ба араб ва дигар амал аз эшон гар футӯҳанд. Ва назар дар он таaллуқ ба эъломи (огоҳонидан) қофия дорад. Ва он эъломе бувад дар таҳти эъломи луғат. Ва назар дар вазни ҳақиқӣ баҳс ба моҳият таaллуқ ба эъломи мусиқӣ дорад. Ва баҳс ба истилоҳ ва таҷриба таaллуқ ба эъломи арӯз дорад”. [71, 587]. Муаллиф дар ин таркиб ба масъалаҳои мухталифи қофия истода мегузарад. Хотимаи ҳар мисраъ бояд шабеҳдор бошад. Масалан, ба монанди “панҷ”, “ранҷ”. Дар ҷои дигар “дар қадим набудааст ва хос аст ба араб” мегӯяд. Аз ин бар меояд, ки дар шеъри қадима қофия набудааст. Қофия хоси араб будааст. Ин маъниро Сино дар китоби “Шифо”-и худ дар тарзи зерин шарҳ додаст: “Шеър сухане аст хаёлангез, ки аз суханони мавзуну баробар сохта шуда; ва назди арабҳо дорои қофия ҳам бошад”. [70, 21]. Дар ин таркиб низ қофия ба арабҳо нисбат дода мешавад. Ғайр аз ин, ҷойгоҳи қофияро дар шеър барои таъмини мусиқии он медонад. Насируддини Тӯсӣ ба таърифи мантиқиён чунин мегӯяд: “Ва назари мантиқӣ хос аст ба тахайюл. Ва вазнро аз он ҷиҳат эътибор кунанд, ки ба

ваҷҳи иқтизоъи тахайюл кунанд. Пас, шеър дар арафаи мантиқӣ каломи мухайял аст”. [71, 588]. Аз ин бар меояд, ки ба ақидаи мантиқиён шеър бояд каломи мухайял бошад ва давраи мутааххиронро чунин шарҳ медиҳад: “Ва дар арафаи мутааххирон каломи мавзуну муқаффоъ, чӣ баҳс ба ин арафа ҳар суханро, ки вазне ба қофия бошад. Хоҳ он сухани бараҳна бошад ва хоҳ козиб ва хоҳ хитобӣ ва хоҳ содиқ ва агар ҳама ба мисли тавҳид (ягонагӣ) холис ба ҳазёнот (сухани беҳуда) маҳз бошад онро шеър хонанд. Ва агар аз вазну қофия холӣ бувад ва агарчӣ мухайял бувад, онро шеър нахонанд”. [71, 588]. Арафаи мутааххирон дар шеър вазну қофияро зарурӣ мешуморанд ва он ҳар гуна сухан бошад ҳам. Агар шеър аз вазну қофия холӣ бувад ва агар мухайял бошад онро шеър намехонанд. Аммо арафаи қудамо сухани мухайялро шеър хондаанд ва он низ мавзуни ҳақиқӣ набудааст. Дар бораи шеърҳои қадимаи юнон, эбронӣ, сурёнӣ ва форс чуниин ақида баён менамояд: “ Ва ашъори юнон чунон будааст, ва дар дигар луғоти қадим монанди эбронӣ ва сурёнӣ ва форс ҳам вазни ҳақиқӣ эътибор накардааст”. [71, 588]. Аз ин ҷост, ки дар қадим вазн он қадар ба эътибор гирифта намешудааст. Асоси  шеърро тахайюл ташкил кардааст ва ба тарзи хулосавӣ Насируддин дар таърифи шеър чунин мегӯяд: “Ва асли тахайюли мантиқиро назар бар он аст, ки ҳамеша мӯътабар бошад ва агарчӣ тариқи истеъмол бигардад. Ва ин санъат болаззат, боҳазари он аст ва булҳавас аз дигар аҳволи шеър. Пас, моддаи шеър сухан аст. Ва сураташ ба наздики мутааххирон вазин ва қофия ва ба наздики мантиқиён тахайюл”. [71, 588].

## ХУЛОСА

Ҳамин тариқ, “Асос-ул-иқтибос”-и Хоҷа Носир асосан ба илми мантиқ бахшида шуда маҳз дар мақолаи нӯҳум и рисола ба соҳаи адабиётшиносӣ дахолат карда, баъзе масъалаҳои илми адабиётшиносиро, аз он ҷумла, илми қофия, илми арӯз, илми бадеъ ва шеъру шоирӣ мулоҳизаҳои хешро зикр кардааст. Дигар масъалае, ки дар рисолаи мазкур мавқеи асосӣ дорад ин “ҷойгоҳи тахайюл”  ба ҳисоб меравад.

## REFERENCES

1. Адабиёти форс-тоҷик дар асрҳои XII-XIV. Қисми 1, Расул Ҳодизода. - Душанбе, “Дониш”, соли 1976. Саҳифаи 267.
2. Насируддини Тӯсӣ. Меъёр-ул-ашъор. Таҳияи Урбатулло Тоҳиров. -Душанбе, “Ориёно”соли 1992. Саҳифаи 10.
3. Шафеи Кадканӣ. Сувари хаёл. Теҳрон.соли 1999. Саҳифаи 566.

4. Мисбоҳиддин Нарзиқулов. Муқаддимаи шеършиносӣ. -Душанбе, нашриёти “Сино” соли 2004. Саҳифаи 6.

5. Ҳамроев Ҷумъақул, Сироҷиддини Эмомалӣ. Назарияи адабиёт. -Душанбе, соли 2020. Саҳифаи 9.

6. Р. Мусулмониён. Назарияи адабиё. Саҳифаи 21.

7. Насируддини Тӯсӣ. Асос-ул-иқтибос. Теҳрон, саҳифаи 589.

8. Умриддин Юсуфӣ. Таъсири мутақобилаи илми бадеӣ арабу аҷам дар асрҳои IX-XV. -Душанбе, соли 2021. Саҳифаи 6.